# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Маҳмудзода Мунираи Қаноатшоҳ дар мавзуи «Вожаю истилоҳоти ахлоқии осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва муқоисаи онҳо бо истилоҳоти «Андар ахлоқ»-и Ибни Сино» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ**

Дастовардҳои солҳои охир дар забоншиносии тоҷик собит менамояд, ки яке аз масъалаҳои муҳимму мубрами забоншиносӣ таҳқиқи истилоҳоти соҳаҳои илму ҳунар ва таснифу муайян кардани мавқеи онҳо дар раванди корбурд ва таҳаввули забони илм ба шумор меравад. Ин нукта низ мусаллам аст, ки истилоҳот ва вожагони соҳавии фарҳангу адабиёт ва умуман ҷаҳони маънавии мардуми тоҷик маъмулан вожаву истилоҳоти марбут ба арзишҳои ахлоқиву меъёрҳои иҷтимоӣ ва арзишҳои миллии мо ба шумор меравад. Дар баробари ин маҳз ҳамин маҷмуи вожагон теъдоди назарраси хазинаи луғавии забони тоҷикиро ташҳкил медиҳад, ки аз назари таҳқиқу баррасии ин гурӯҳи вожаву истилоҳот ба масоили мубраму таҳқиқталаби илмӣ мансуб дониста мешавад.

Истилоҳоти ахлоқӣ дар давраҳои гуногуни таърихӣ аз ҳисоби вожагони қадимаи забон ва калимаҳои иқтибосӣ ташаккул ёфта, аз нигоҳи маънову муассири мазмун, ифоданокӣ ва фарогирии мафҳумҳои мураккабу зеҳнӣ, ҳамчунин аз нигоҳи шакли грамматикӣ, муносибати забонӣ ва омилҳои корбурд хеле ҷолибу арзишманд муаррифӣ мешаванд.

Маҳз барои ҳамин диссертатсияи Маҳмудзода Мунираи Қаноатшоҳ дар мавзуи «Вожаю истилоҳоти ахлоқии осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва муқоисаи онҳо бо истилоҳоти «Андар ахлоқ»-и Ибни Сино» дорои мубрамияти махсус буда, натиҷагирӣ аз чунин пажуҳиш як иқдоми сазовор, айнизамонӣ ва муҳим дониста мешавад.

Бояд зикр кард, ки осор ва вожаву истилоҳоти ахлоқӣ аз нигоҳи адабӣ, фалсафӣ, таърихию фарҳангӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта бошад ҳам, аз лиҳози забоншиносӣ ба таври ҷомеъ то имрӯз таҳқиқ нашудааст ва

бино бар ин вожа ва истилоҳоти ахлоқӣ ҳамчун як низоми истилоҳоти мушаххас дар забоншиносӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, рӯйхати адабиёт ва замима иборат аст. Аз мутолиаи автореферати диссертатсия ва муқоисаи шаклу мундариҷаи он маълум мешавад, ки диссертант ба мавзуъ ворид аст, талаботи кори таҳқиқӣ – таснифу таҳлил ва баррасии вожаву истилоҳоти ахлоқиро дуруст таҳқиқ намуда, ҳангоми муқоиса фарқ ва шабоҳати онҳоро ба таври дақиқ муайян намудааст.

**Дар муқаддима** оид ба мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, объекти таҳқиқ, предмети таҳқиқ, асосҳои назарию методологии такҳиқ, сарчашмаҳои таҳқиқ, навгониҳои илмии таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариву амалии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиби амалии натиҷаҳои диссертатсия, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия маълумот дода шудааст.

**Боби аввали диссертатсия «Аз таърихи пайдоиш ва ташаккули вожаю истилоҳоти ахлоқӣ дар забоншиносии тоҷик»** ном гирифта, аз панҷ фасл иборат аст ва тамоми масъалаҳои марбут ба таҳаввулу рушд ва дигаргуниву равишҳои истилоҳот дар фаслҳои боби мазкур ба таври бояду шояд ва бо такя бар манобеи илмии мушаххас ва мисолҳои ҷолиби диққат дар боби мазкур мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор дода шудааст.

**Боби дуюми диссертатсия тахти унвони «Тасниф ва таҳлили забоншиносии вожаю истилоҳоти ахлоқӣ дар осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ»** ба таҳқиқу таҳлили вожаю истилоҳоти ахлоқӣ мавриди таснифоти забонӣ ва таҳлили ҷомеи забоншиносӣ қарор гирифтаанд. Дар боби мазкур масъалаҳои марбут ба усулу шеваҳои асосии сохтори вожаю истилоҳоти ахлоқӣ, тарзу тартиб ва манбаъҳои баромади онҳо, мансубияти забонии

истилоҳоти ахлоқӣ таҳқиқу таҳлил шудаанд ва унвонҷӯй назари худро бо далели мисол ва намунаҳои ҷолибу арзишманд матраҳ намудааст.

**Боби сеюми диссертатсия бо номи «Муқоисаи истилоҳоти ахлоқии осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ бо истилоҳоти рисолаи «Андар ахлоқ»-и Ибни Сино»** ба масъалаҳои муқоисаи воҳидҳои забон дар илми забоншиносӣ, ошкор кардани монандӣ ва фарқияти истилоҳоти ахлоқии осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва тобеият, ҳамоҳангии моъно, таносуби семантикиву услубии истилоҳоти мавриди таҳқиқ бо нуктасанҷӣ ироа гардидааст.

**Дар хулосаи** диссертатсия унвонҷӯ, тибқи муқаррарот андешаҳои худро ҷамъбаст намуда, аз ҳар як боб натиҷагирӣ менамояд ва назару дастоварди илмии худро ба сифати тавсия оид ба истифодаи амалии онҳо баён менамояд.

Мавриди зикр аст, ки кори диссертатсионии Маҳмудзода Мунираи Каноатшоҳ ба дараҷаи зарурии илмӣ таълиф гардида, пажӯҳиши мукаммал ва анҷомёфта дониста мешавад.

Ҳамзамон кори диссертатсионии Маҳмудзода Мунираи Каноатшоҳ дорои арзиши назарраси илмӣ буда, дар баробари дастовардҳо баъзе нуктаҳои қобили интиқодро низ дорад, ки мехостем ба баъзе аз онҳо махсус таъкид намоем:

1. Дар қисмати муқаддимавии кори илмӣ мафҳуми «Объекти таҳқиқ» ва «Сарчашмаҳои таҳқиқ» бо ҳам айният доранд ва дар ҳарду маврид ҳамон манбаҳои мавриди таҳқиқ номбар шудаанд.
2. Дар боби дуюм ҳангоми таснифи вожаю истилоҳоти ахлоқӣ онҳоро ба ду гурӯҳ – вожаю истилоҳоти ахлоқии форсӣ-тоҷикӣ ва арабӣ ҷудо намудаанд. Хуб мешуд, ки доир ба вожаҳои ахлоқии иқтибосии забонҳои дигар низ маълумоте оварда мешуд.
3. Дар саҳифаҳои ҷудогонаи автореферат нуктаҳои таҳрирталаб (5, 8, 11, 35) ва қобили тасҳеҳ (4, 8, 13, 20, 39) ҷой доранд.

Албатта, ин гуна ғалатҳо хусусияти ҷузъӣ доранд ва ба ҳеҷ ваҷҳ ба арзиш ва аҳаммияти илмию амалии кори таҳқиқиро таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Автореферати ба забонҳои тоҷикию русӣ мураттабгардида мазмуну муҳтавои диссертатсияи Маҳмудзода Мунираи Қаноатшоҳ дар мавзуи «Вожаю истилоҳоти ахлоқии осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва муқоисаи онҳо бо истилоҳоти «Андар ахлоқ»-и Ибни Сино» пурра инъикос менамояд. Диссертатсия таҳқиқоти мукаммали бaанҷомрасида маҳсуб ёфта, ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

**Муқарризи ғайрирасмӣ**, мудири кафедраи забони
тоҷикии факултети филологияи тоҷики ДДБ ба
номи Носири Хусрав, номзади илмҳои
филологӣ: Назаров Меҳрубон Ниёзмадович
30.03.2024

Имзои номзади илмҳои филологӣ, Назаров
Меҳрубон Ниёзмадовичро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи
Носири Хусрав Шукурзод Ҷамшед Абдуалим

Нишонӣ: ш.Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67
Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав
Тел.: (83222) 2-45-20, 2-22-53
E-mail: ktsu78@mail.ru, web-сайт: www.ktsu. edy.tj
«01» 04 с. 2024.